«ТАСДИҚ ШУДААСТ»
Бо Фармони Директори генералии
ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
_________________Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №164/25

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ БОРҲО

Душанбе – 2025

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаи суғуртаи ихтиёрии борҳо (минбаъд – «Қоида» ё «Қоидаи суғурта») мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1.2. Шартҳое, ки дар Қоидаи суғурта мавҷуданд ва ба матни Шартномаи суғурта дохил карда нашудаанд, барои Суғурташаванда (шахси Суғурташуда) ҳатмӣ мебошанд ва худи Қоида дар сомонаи расмии Суғуртакунанда дар шабакаи иттилоотӣ – коммуникатсионии «Интернет» бо суроғаи: www.spi.tj ҷойгир шуда бошад ё Қоида дар як ҳуҷҷат бо шартномаи суғурта ё дар саҳифаи қафои он зикр шуда бошад ва ё ба он замима карда шуда бошад.

1.3. Суғуртакунанда дар асоси Қоидаи суғурта Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибос аз Қоидаи суғуртаро барои шакли (намуди) мушаххаси Шартномаҳои суғурта, ки дар асоси Қоидаи суғурта баста мешаванд, ба Суғурташавандаи мушаххас ё бахше аз Суғурташавандагон нигаронида шудаанд ва шартҳои суғуртаро инъикос менамоянд, таҳия намояд, алалхусус: субъектҳо ва объектҳои суғурта, номгӯи ҳодисаҳои суғуртавӣ, муҳлат ва тартиби пардохти мукофоти суғуртавӣ, муҳлати амали Шартномаи суғурта, тартиби муайян намудани маблағи пардохти суғуртавӣ, дигар муқаррарот, то он ҳадде, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғурта мухолифат надошта бошад. Чунин Шартҳои полис ё иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта ба Шартномаи суғурта замима карда мешаванд ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Дар ҳолати татбиқ шудани Шартҳои полиси суғурта ё Иқтибосҳо аз Қоидаи суғурта шартномаи суғурта аз Полиси суғуртавӣ ва Шартҳои полиси суғурта ва ё Иқтибосҳо аз Қоида, ки дар Полиси суғуртавӣ ба он истинод оварда мешавад ва он қисми таркибии Шартномаи суғурта ба шумор меравад, иборат мебошад.

1.4. Суғуртакунанда ба гурӯҳҳои алоҳидаи шартномаҳои якхелаи суғурта, ки дар асоси шартҳои Қоидаи суғурта баста шудаанд, номи маркетингӣ гузорад то он ҳадде, ки ин ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад ва бо он тартибе, ки меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

2.1. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **фаъолияти суғуртавӣ** – фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

– **мақоми назорати суғуртавӣ** – Бонки миллии Тоҷикистон, ки вазифаҳои танзиму назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ анҷом медиҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (мукофоти суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилотҳои суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд;

– **азнавсуғуртакунӣ** – фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии уҳдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад;

– **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд;

– **ташкилоти суғуртавӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;

– **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст;

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.

– **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;

– **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;

– **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;

– **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи Шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;

– **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;

– **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;

– **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он суғурташаванда ухдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ ухдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст;

– **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани ухдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;

– **сӯхтор** – оташгирии беназорат, ки берун аз ҷойҳои махсус таъиншуда ба амал меояд ё ин ки аз ин ҷойҳо берун баромадааст, қодир ба худпаҳнкунӣ ва расонидани зарари моддӣ мебошад;

– **таркиш** – ин сӯхтан мебошад, ки дар як муддати кӯтоҳ баровардани миқдори зиёди энергия мебошад.

– **барқзанӣ** – партоби шарораи барқии хосияти табиӣ дар байни абрҳо ва сатҳи замин, ки дар он ҷараёни зарар ба молу мулки суғурташуда таъсир мерасонад;

– **офати табиӣ** – падидаи ногаҳонии табиӣ мебошад, ки боиси он хароб гардонидани молу мулк мегардад;

– **тӯфон** – ҳаракати массаи ҳаво бо суръати баланд (боди хеле сахт): дар сатҳи замин зиёда аз 20 м/с. Бо шиддат то 50 м/с;

– **гирдбод** – падидаи атмосфера мебошад, ки аз ҳавои зуд гардишшаванда, қисми рег, хок ва ғайра иборат мебошад;

– **тундбод (ураган)** – боди нерӯи бузурги харобиовар ва назаррас бо давомнокӣ (зиёда аз 12 балл дар ҷадвали Бофорт) суръаташ аз 35м/с ва зиёда мебошад;

– **смерч (торнадо)** – падидаи хавфноки атмосфера, гирдоби боло, ки аз ҳавои босуръат даврзанандаи зиёд иборат аст, инчунин аз намӣ, рег, хок ва дигар моддаҳои боздошташуда ва суръат гардиш 50м/с иборат мебошад;

– **заминларза** – падидаи фалокатбори табиӣ мебошад, ки барои минтақаҳои сейсмикии фаъол хос буда, дар натиҷаи ҳаракати плитаҳои тектоникӣ, фурӯравии конҳои калони куҳ ба вуҷуд омадааст. Воҳиди ченкунӣ - нуқтаҳои ҷадвали Рихтер;

– **таркиши вулқон** – фаъолияти вулқоние, ки бо озод шудани газҳо, хокистар ва магмаи гудохта мебошад;

– **лағҷиш** – фурӯравии калони ҷисмхои кӯҳӣ дар зери таъсири вазни худ ва қувваи иловагӣ дар натиҷаи обравӣ дар ёнаҳо, мулоимшавӣ, инчунин ҷунбиши сахти сейсмекӣ;

– **сел** – ҷараёне аст, ки зуд дар маҷрои дарёҳои кӯҳ ба вуҷуд меояд ва бо болоравии шадиди сатҳи об ва бо таркиби баланди маводҳои сахт (аз 10-15 то 70%) тавсиф карда мешавад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **жола** – як навъи боришотест, ки дар фасли гармо дар шакли яхини андоза ва шаклҳои гуногун меафтанд, ки боиси расонидани зарар ба амволи суғурташаванда мегардад;

– **обхезӣ** – ғаркшавии ҳудуд бо об дар натиҷаи баландшавии сатҳӣ дарё, баҳр ва дигар обанборҳо, обҳои зеризаминӣ, обшавии барф бо суръати баланд, кафидании дамбаҳои табиӣ ва сохтаҳо;

– **садамаи нақлиётӣ** – ҳодисае, ки ҳангоми ҳаракати воситаи нақлиёт дар роҳи нақлиётӣ ва бо иштироки он рух додааст, ки дар он одамон фавтида ё маҷрӯҳ мешаванд, воситаҳои нақлиёт, иншоот, борҳо зарар мебинанд ё дигар зарари моддӣ расонида мешавад;

– **бор** – объекти ҳамлу нақл (сӯзишворӣ, ашёи хом, ашё, маҳсулот ва ғайра), ки интиқолдиҳанда бо тартиби муқарраршуда қабул кардааст, барои саривақтӣ расонидан ва бехатарии он мутобиқи қонунгузории нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғурта ин манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда (Фоидагиранда), ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд ва бо таваккали гум кардан (талаф ёфтан) ва ё нуқсондоршавии бор алоқаманд мебошад, фаҳмида мешавад.

Зери мафҳуми бор молумулки барои ҳамлу нақл қабулгардида (мол), ки дар ҳуҷҷати нақлиётӣ ва/ё молунақлиётӣ ишора гардидааст, фаҳмида мешавад.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Тибқи Қоидаи мазкур субъекти суғурта Суғуртакунанда, Суғурташаванда, Фоидагиранда эътироф карда мешаванд.

4.2. Суғуртакунанда тибқи Шартномаҳои суғурта, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс» мебошад, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ менамояд.

4.3. Шартномаҳои суғуртаро аз номи Суғуртакунанда метавонанд филиалҳо ва дигар бахшҳои алоҳидаи он, инчунин агентҳои суғуртавӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) дар асоси шартномаҳо ё ваколатномаҳо ба расмият дароранд.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Аз рӯи Шартномаи суғурта, ки дар асоси Қоидаи мазкур баста шудааст, ҳодисаи суғуртавӣ ин гум кардан (талаф ёфтан) ва ё нуқсондоршавии бор, ки дорои нишонаҳои эҳтимолият ва тасодуфӣ мебошанд, ба шумор мераванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Шартномаи суғурта метавонад бо яке аз шартҳои зерини ҳодисаҳои суғуртавӣ (хавфҳо) дар алоҳидагӣ, дар маҷмуи онҳо ё дар ҳама гунаи омехтаи онҳо баста шавад:

**I. «Бо уҳдадорӣ барои тамоми таваккалҳо»**

Аз рӯи Шартномаи суғурта, ки дар асоси шартҳои мазкур баста шудааст, ҳодисаҳои суғуртавӣ зерин буда, Суғуртакунанда уҳдадор мешавад, ки чунин зарарҳоро ҷуброн намояд:

а) Зарарҳои Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз нуқсондоршавӣ, гум кардани (талаф ёфтан) тамоми бор ё қисми он, ки бо ҳар кадом сабабҳои дорои аломатҳои эҳтимолият ва тасодуфӣ, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар боби 14 Қоидаи мазкур ба вуқӯъ омадаанд, алоқаманд мебошанд;

б) хароҷотҳои зарурӣ ва оқилона ҷиҳати наҷоти бор, инчунин барои кам кардани талафот ва муқаррар кардани андозаи онҳо, агар зарар дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавии дар Шартномаи суғурта пешбинишуда ба миён омада бошад.

**II. «Бо уҳдадорӣ барои садамаи ҷузъӣ»**

Аз рӯи Шартномае, ки дар асоси шартҳои мазкур баста шудааст, Суғуртакунанда уҳдадор аст, ки зарарҳои Суғурташавандаро (Фоидагирандаро) аз нуқсондоршавӣ, талафи пурра ва/ё гум кардани тамоми ва ё қисми бор агар онҳо дар натиҷаи чунин ҳодисаҳои суғуртавӣ ба вуқӯъ омада бошанд ҷуброн намояд:

– сӯхтор ва ё таркиш дар воситаи интиқолдиҳанда;

– нишастан дар тунукоб, ба соҳил бароварда партофтан, ғарқшавӣ ва ё чаппашавии киштӣ, лихтер ва ё баржа;

– бархӯрдан ва ё ба ҳам наздик шудани киштӣ, лихтер ва ё баржа ва ё воситаи интиқолдиҳандаи дигар бо ҳар кадом предмети бегона ба ҷуз об;

– воридшавии оби баҳрӣ, дарёӣ ва ё кӯл ба киштӣ, лихтер ва ё баржа, таҳхонаи киштӣ, воситаи интиқолдиҳандаи дигар, контейнер, ё ҷои нигоҳдошт;

– бо мавҷ шусташавӣ ва ё аз киштии боркашон дур карда шудан;

– зарар аз талафи пурраи ҷои пурраи бор, ки аз киштӣ афтодааст ва ё дар рафти ба воситаи интиқолдиҳанда боркунӣ ва ё фаровардани он афтода;

– фаровардани бор дар бандар-паноҳгоҳ;

– хайрот ҳангоми «садамаи умумӣ»;

– ҳодисаи авиатсионӣ ва ё афтодани воситаи интиқолдиҳандаи ҳавоӣ;

– чаппа шудан ва ё аз релс фаромадани воситаи интиқолдиҳандаи заминӣ;

– заминҷунбӣ, хориҷ шудани вулқон ва ё зарбаи раъду барқ;

– ҳодисаи роҳу нақлиётӣ;

– афтодани кӯпрукҳо, нақбҳо (барои ҳамлу нақли заминӣ).

**III. «Бидуни уҳдадорӣ барои нуқсондоршавӣ, ба ҷуз ҳолатҳои садама»**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Аз рӯи Шартномае, ки дар асоси шартҳои мазкур баста шудааст, Суғуртакунанда ухдадор аст зарарҳои Суғурташавандаро (Фоидагиранда) аз талафи пурра ва/ё гум кардани тамоми ва ё қисми бор (зери мафҳуми талафи пурраи қисми бор талафи пурраи ҷои бор фаҳмида мешавад, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатҳоро пешбинӣ накунад), агар онҳо дар натиҷаи чунин ҳолатҳо ба вуқӯъ омада бошанд:

– сӯхтор ва ё таркиш дар воситаи интиқолдиҳӣ;

– дар камоба нишастан, ба соҳил бароварда партофтан, ғарқшавӣ ва ё чаппа шудани киштӣ, лихтер ва ё баржа;

– ба ҳамдигар бархӯрӣ ё наздикшавии киштӣ, лихтер ва ё баржа ва ё воситаи интиқолдиҳандаи дигар бо ҳар кадом предмети бегона, ба ҷуз об;

– фаровардани бор дар бандар-паноҳгоҳ;

– хайрот ҳангоми «садамаи умумӣ»;

– ҳодисаи авиатсионӣ ва ё афтодани воситаи интиқолдиҳандаи ҳавоӣ;

– чаппа шудан ва ё аз релсҳо баромадани воситаи интиқолҳидҳанда;

– заминҷубӣ, хориҷ шудани вулқон ва ё зарбаи раъду барқ;

– ҳодисаи роҳу нақлиёт;

– афтодани кӯпрукҳо, нақбҳо (барои ҳамлу нақли заминӣ).

5.2. Дар вақти дастрас намудани бор бо лихтерҳо, баржаҳо ва дигар киштиҳои интиқолдиҳандаҳо, Суғуртакунанда танҳо дар он ҳолате ухдадор мешавад, ки истифодаи чунин киштиҳо аз рӯи шартҳои маҳаллӣ оддӣ бошанд ва Суғуртакунанда оиди он то ба танзимдарории Шартномаи суғурта хабардор бошад.

## 6. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Ба хавфҳои суғуртавӣ – ҳодисаҳои эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани онҳо пардохти суғуртавӣ анҷом дода мешавад ба шумор меравdefinitely.

6.2. Хавфҳо бо созиши Суғуртакунанда ва Суғурташаванда дар Шартномаи суғурта бо дарназардошти боби 5 Қоидаи мазкур муқаррар карда мешаванд.

6.2.1. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд дар Шартномаи суғурта истифодаи шартҳои иловагии (қайду шартҳо) дар Қоида ифодаёфта, инчунин қайду шартҳои байналмилалии Донишкадаи Лондонии Суғуртакунандаро пешбинӣ намоянд. Илова бар он дар ҳолати истифодаи қайду шартҳои ишорашуда номгӯи онҳо метавонад дар Шартномаи суғурта бо истифодаи рақамҳои мувофиқаткунанда ва аббревиатураҳое, ки дар амалияи байналмилалӣ бо риояи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегиранд, ифода карда шаванд.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ бо созиши Суғурташаванда ва Суғуртакунанда муайян карда мешавад. Маблағи суғуртавӣ набояд, ки аз арзиши суғуртавии

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

бор дар макони ҷойгиршавии он дар рӯзи ба имзо расидани Шартномаи суғурта зиёд бошад.

7.2. Арзиши суғуртавӣ дар лаҳзаи ба имзо расидани Шартномаи суғурта ин арзиши худи бор дар макони ирсолкунӣ дар ибтидои амали Шартномаи суғурта мебошад. Арзиши суғуртавӣ, агар ин ба таври махсус дар Шартнома қайд гардида бошад, метавонад ба худ чунин хароҷотро дар бар гирад:

– хароҷотҳо оиди дастрас кардани бор то аз ҷониби боргиранда қабул кардани он;

– фрахти ба таври ниҳоӣ пардохтшуда;

– хароҷотҳои дигар, ки бо ҳамлу нақли бор алоқаманданд, даромади эҳтимолӣ аз фурӯши бор бо фоизи гуфтугузоршуда.

7.3. Дар ҳолате, ки агар дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ аз арзиши суғуртавӣ камтар ишора шуда бошад, Суғуртакунанда ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) зарарҳои ба охирон расидаро мутаносибан дар доираи маблағи суғуртавӣ пардохт менамояд.

7.4. Дар ҳолате, ки агар маблағи суғуртавии дар Шартномаи суғурта ифодагардида, аз арзиши суғуртавӣ зиёд бошад, Шартнома дар он қисмати маблағи суғуртавӣ, ки аз арзиши суғуртавӣ зиёд аст, ночиз ҳисобида мешавад. Қисми мукофоти суғуртавии барзиёд пардохтшуда дар ин ҳолат баргардонида намешавад.

7.5. Маблағи суғуртавӣ бо пули миллӣ – «сомонӣ» муқаррар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта маблағи суғуртавӣ метавонад бо ҳаҷми баробарҳаҷми маблағи асъори хориҷӣ ишора карда шавад (минбаъд – суғурта бо баробарҳаҷми асъорӣ).

7.6. Мутобиқи қисми 8, моддаи 20 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» Суғурткунанда ҳуқуқ дорад, ки назорати беосеб нигоҳ доштани молу мулки суғурташударо анҷом диҳад ва дар ҳолати муқаррар намудани далелҳои муносибати бесарусомонона ё нигоҳдории номатлуби молу мулки суғурташуда ба Суғурташавандагон оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида таъиноти барои иҷро ҳатмӣ пешниҳод намояд ва дар сурати иҷро накардани он ҳуқуқ дорад андозаи маблағи суғуртавиро кам кунад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯйи Шартномаи суғурта пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа кардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти суғуртавӣ аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ситонидашаванда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

8.3. Дар баробари ин вобаста аз дараҷаи хавф (дараҷаи Суғурташаванда, намуди фаъолияти Суғурташаванда, таърихи ба ӯ пешниҳод намудаи даъвоҳо оид ба додани товони зарар (таърихи зарар), ҳаҷм ва сохтори зарарҳои пештар баамаломада, базаи муайянкунии маблағи суғуртавӣ (меъёри товон ва омилҳои дигар, ки аз тарафи Суғуртакунанда ҳангоми амалӣ намудани сиёсати андеррайтерӣ ва тарифӣ мадди назар гирифта мешавад), Суғуртакунанда ҳуқуқи ба меъёри тарифӣ аз рӯйи Шартномаи мушаххаси суғуртавӣ коэфитсиентҳоро аз рӯи ҷадвали мувофиқашуда бо мақоми назорати суғуртавӣ истифода барад.

## 9. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Мукофоти суғуртавӣ бо пули миллӣ сомонӣ муқаррар карда мешавад. Бо созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мукофоти суғуртавӣ метавонад дар ҳаҷми баробарҳаҷми бо асъори хориҷӣ, муқаррар карда шавад.

9.2. Ҳангоми суғуртакунӣ бо ҳамарзиши асъорӣ мукофоти суғуртавӣ бо пули миллӣ сомонӣ аз рӯи қурби асъори Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои асъори хориҷӣ дар санаи пардохт муқаррар гардидааст (ба ҳисобгузаронӣ) пардохт карда мешавад, агар қурби дигар ё санаи дигари муайян намудани он тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар нашуда бошад.

9.3. Дар ҳолатҳое, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобу китоби байни тарафҳои Шартномаи суғурта бо асъори хориҷӣ иҷозат дода мешавад, мукофоти суғуртавӣ метавонад инчунин ба Суғурташаванда бо асъори хориҷӣ пардохт карда шавад.

9.4. Пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Шартномаи суғурта дар асоси муроҷиати шифоҳӣ ва ё хаттии Суғурташаванда, натиҷаҳои азназаргузаронии пеш аз суғуртавии молу мулк, ки бо талаби Суғуртакунанда гузаронида мешавад, инчунин маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодкунандаи Суғурташаванда бо талаби Суғуртакунанда, баста мешавад, аз он ҷумла:

– маълумот оиди Суғурташаванда, Фоидагиранда;

– маълумот оиди тамоми Шартномаҳои суғуртаи нисбати объекти суғурта басташуда ва ё басташаванда;

– маълумот оиди борҳои интиқолшаванда: намуди борҳои интиқолшаванда, ҳолати бор – навъ, пештар дар истифодабуда (п/и),

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

мавҷудияти дараҷаи хатар, мавҷудияти борҳои ғайригабаритӣ, зарурати шартҳои махсуси интиқолдиҳӣ, борпечи бор, шумораи ҷойҳо ва вазни бор;

– рақамҳо ва санаҳои коносаментҳо ва ё ҳуҷҷатҳои дигари интиқолдиҳӣ (борномаи моливу нақлиётӣ, борномаи CMR, борномаи роҳи оҳан, борномаи авиатсионӣ, борномаи SMGS ва ғ.);

– маълумот оиди интиқолдиҳӣ ва нигоҳдошти бор: самти интиқолдиҳӣ, маршрут, нуқтаҳои боркунӣ/нуқтаҳои нигоҳдошти муваққатӣ, масолеҳи унсурҳои конструктивӣ, мавҷудияти сигналдиҳии муҳофизатӣ ва сӯхтор, мавҷудияти низомҳои мониторинг;

– маълумот оиди намуди нақлиёт (ҳангоми интиқолдиҳӣ ба воситаи баҳр – номгӯй, соли сохтмон ва борбардории киштӣ);

– санаи ирсолкунии бор ва давомнокии интиқолдиҳӣ, санаи тақрибии вусул;

– маълумот оиди усули интиқолдиҳии бор (болои ҳам, ба таври тӯдавӣ, ба таври резиш, дар таҳхонаи киштӣ, саҳни киштӣ, дар контейнер, дар яхдон ва ғ.);

– омори зарарҳои Суғурташаванда;

– номгӯи ташкилоте, ки интиқоли борро амалӣ менамояд;

– расмҳои бор;

– ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи манфиати молумулкии Суғурташаванда (Фоидагиранда);

– ҳуҷҷатҳое, ки барои муайян кардани арзиши ҳақиқии молу мулк имкон медиҳанд.

Аризаи хаттӣ (ҳангоми хаттӣ муроҷиат намудан) ва пурсишнома ба Шартномаи суғурта замима карда мешавад ва баъди ба имзо расидани он ҷузъи ҷудонопазирӣ он мегардад.

10.2. Ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғурта Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба Суғуртакунанда оиди тамоми ҳолатҳои ба вай маълум, ки барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ аз рух додани он (дараҷаи таваккали суғуртавӣ) арзиши қадрнок доранд, хабар диҳад, агар ҳолатҳо ба Суғуртакунанда маълум набошанд.

10.3. Ҳолатҳое, ки аз ҷониби Суғуртакунанда дар Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ), дар замимаҳои он, дар шакли аризаи барои суғуртакунӣ коркарднамуда ва ё дархости хаттии Суғуртакунанда, инчунин онҳое, ки дар Қоида номбар гардидаанд, муҳим эътироф карда мешаванд.

Суғурташаванда барои дурустӣ, асоснок ва пуррагии маълумотҳои барои бастани Шартномаи суғурта пешниҳоднамудааш, аз он ҷумла ҷавобҳои худ барои дархостҳои хаттии Суғуртакунанда, ҷавобгар мебошад.

Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, беэътибор эътироф гардидани Шартномаи суғурта ва истифодаи оқибатҳои дар қисми 2, моддаи 196 – Кодекси мадании

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррараргардидаро талаб намояд, ки Суғурташаванда ба Суғурткунанда маълумотҳои дидаву дониста бардурӯғро оиди ҳолатҳои барои муайян намудани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ арзишнок ва ҳаҷми зарарҳои эҳтимолӣ аз рух додани онро (дараҷаи таваккали суғуртавӣ) пешниҳод намудааст.

10.4. Ҳангоми зарурат (бо салоҳдиди Суғурткунанда) Шартномаи суғурта бо азназаргузаронӣ ва тартиб додани рӯйхати бор ба танзим дароварда мешавад.

10.5. Ҳангоми дар Суғурташаванда мавҷуд будани маълумотҳои нопурра Шартномаи суғурта метавонад пешакӣ, дар асоси маълумотҳои хабардодаи Суғурташаванда оиди навъи бор, нуқтаи ирсолшавӣ ва таъинот, санаи эҳтимолии ибтидои интиқолдиҳӣ, маблағи тақрибии умумии суғуртавӣ ва шартҳои асосии суғурта, бо он шарте, ки ба танзимдарории Шартномаи суғурта дар натиҷаи пешниҳоди маълумоти норасоидошта амалӣ мегардад, ба танзим даровард мешавад.

10.6. Бо талаби Суғурташаванда аз рӯи ҳар як ирсолкунии бор, ки зери таъсири Шартномаи суғурта қарор мегирад, Суғурткунанда уҳдадор аст, аз рӯи тартиби пешбининамудаи полиси генералӣ ва ё созишномаи ҷудогона, полиси алоҳида (сертификат) пешниҳод намояд.

10.7. Шартномаи суғурта ҳамзамон бо ибтидои муҳлати уҳдадории Суғурткунанда (давраи суғурта), ки мутобиқи банди 7.1. Қоидаи суғурта пешбинӣ шудааст, қувваи қонунӣ мегирад.

10.8. Давраи суғурта (ибтидо ва интиҳои уҳдадории Суғурткунанда) аз рӯи ҳар як миқдори муайяни бор, ки аз рӯи Шартномаи суғурта суғурта гардидааст ва мутобиқи Қоида ба имзо расидааст, муайян карда мешавад.

10.9. Уҳдадории Суғурткунанда аз лаҳзае, ки бор барои ҳамлу нақл аз анбор ва ё ҷойи анборкунӣ дар нуқтаи дар Шартномаи суғурта ифодаёфта гирифта мешавад ва дар муддати ҳамлу нақл тибқи шартгузории Шартнома ва ё маршрути оддии равоншавӣ давом карда (вобаста аз он, ки кадоме аз онҳо пештар ба вуқӯъ мепайвандад) ба итмом мерасад:

– вақте, ки бор ба анбори қабулкунандаи бор ва ё макони ниҳоии анборкунии дигар дар нуқтаи таъиноти дар Шартномаи суғурта ифодагашта дастрас карда мешавад;

– вақте, ки бор ба ҳар кадом анбори дигар ва ё ҳар кадом макони анборкунии дигар, ки дар нуқтаи таъинот ифоданамудаи Шартномаи суғурта ва ё дар нуқтаи аз он пештар қарор дорад;

– вақте, ки Суғурташаванда/Фоидагиранда ё намояндагони ӯ қарор қабул кунанд, ки дар рафти ҳамлу нақл барои нигоҳдории бор воситаи нақлиёт ё контейнери ғайримаъмулиро интихоб намоянд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– бо гузаштани 60 рӯзи тақвимӣ баъди ба борфарориӣ аз киштии баҳрӣ (дарёвӣ) / 30 рӯзи тақвимӣ пас аз фаровардани бор аз воситаи нақлиёти ҳавоӣ ба бандари ниҳоии фарориш.

10.10. Аз ҷумла, дар Шартномаи суғурта метавонад пешбинӣ шудан, ки дар давоми нигаҳдории бор дар анборҳо дар маҳалли интиқол то интизор шудан ва / ё дар ҷой таъинот пас аз фаровардан, эътибор дошта бошад.

10.11. Дар Шартномаи суғурта метавонад шароити махсуси амалӣ он пешбинӣ шавад, аз ҷумла: хатсайри ҳамлу накл, талаботи махсус барои интиқолдиҳандагон ва воситаҳои нақлиёт, ки бори суғурташударо интиқол медиҳанд, ва шароити ҳамлу накл (навъи ҳамлу накл, мавҷуд будани таҷҳизоти бехатарии бор ва пайгирӣ тавассути нақлиёт, интиқоли мол тавассути нақлиёти махсус ширкатҳо, интиқол дар мошинҳои зиреҳпӯш, бастабандии махсуси борҳо ва ғ.). Агар дар Шартномаи суғурта чунин шартҳои махсуси суғурта мавҷуд бошанд, ҳамлу накл, бидуни ин шартҳо, суғуртанашуда ҳисобида мешавад.

10.12. Суғуртакунанда метавонад бо мақсади азнавсуғуртакунӣ дар шартномаҳои суғурта шартҳоеро, ки ба стандартҳо ва таҷрибаи байналмилалии азнавсуғуртакунӣ мутобиқат мекунанд, истифода намояд. Банди мазкур нисбати шартномаҳое, ки ба азнавсуғуртакунӣ фаро гирифта намешавад, татбиқ намегардад.

## 11. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

а) Суғурташавандаро бо мазмуни Қоидаи суғурта ва шартҳои Шартномаи суғурта шинос намояд;

б) Пас аз гирифтани хабар дар бораи рух додани ҳодисае, ки аломатҳои ҳодисаи суғуртавиро дорад, ҳолатҳои рух додани ҳодисаро муайян намояд;

в) Пас аз гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳангоми эътирофи ҳодисаи рухдода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ, санади суғуртавӣ тартиб диҳад, андозаи зарарро муайян кунад ва ҳисоби маблағи ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад.

г) Ҷуброни суғуртавиро пардохт намояд (ё дар сурати мавҷуд будани асосҳо пардохтро рад намояд) дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи суғурта.

д) маълумотҳои аз ҷониби ӯ дар натиҷаи фаъолияти касбӣ ба дастомадаро оиди суғурташуда, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ифшо нагардонад.

е) ҳангоми аз Суғурташаванда оиди зарар гирифтани ариза, Суғуртакунанда уҳдадор аст:

– экспертизаи ҳодисаи суғуртавиро гузаронад, сабаб ва ҳаҷми зарари расонидашударо муайян намояд, инчунин дар муддати 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

санаи гирифтани тамоми ҳуҷҷатҳо оиди ҳодисаи суғуртавӣ санади суғуртавӣ тартиб дода ҷуброни суғуртавиро пардохт намекунад;

– ҳангоми барои ин набудани асосҳо ба Суғурташаванда хулосаи асоснок оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ ирсол намояд.

ж) дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

11.2. Суғурташаванда уҳдадор аст:

а) мукофоти суғуртавиро дар муҳлатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи Қоида ва Шартномаи суғурта пардохт намояд;

б) ҳангоми бастани Шартномаи суғурта ба Суғуртакунанда оиди тамоми ҳолатҳои ба ӯ маълум, ки барои баҳогузории таваккали суғуртавӣ аҳамият доранд, хабар диҳад;

в) тамоми чораҳоро оиди роҳ надодани рух додани ҳодисаи суғуртавӣ андешад, ва ҳангоми рух додани он – тамоми чораҳои оқилона ва имкондорро оиди паст кардани зарар андешад;

г) ба Суғуртакунанда ҷуброни суғуртавиро (ва ё қисмати мутобиққунандаи онро) баргардонад, агар ошкор карда шавад, ки чунин ҳолате, ки аз рӯи қонунунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаи суғурта ва Шартномаи суғурта, пурра ва ё қисман Суғурташандаро аз ҳуқуқ ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ маҳрум менамояд;

д) исботи далели аз ҷониби Суғурташаванда иҷро гардидани уҳдадориҳое, ки дар Қоида оварда шудаанд, бар дӯши Суғурташаванда аст;

е) дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

11.3. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

а) ҳангоми бастани Шартномаи суғурта тамоми ҳуҷҷатҳои барои муқаррар намудани дараҷаи таваккал заруриро аз Суғурташаванда дархост намуда, шинос шавад;

б) эътирофи беэътибор будани Шартномаи суғуртаро талаб намояд, агар баъди бастани Шартномаи суғурта муқаррар гардад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда маълумотҳои пешакии бардурӯғро оиди объекти Суғурта хабар додааст;

в) барои гузаронидани экспертиза бо мақсади эътироф намудани ҳодисаи суғуртавӣ дархост намояд;

г) бо супориши Суғурташаванда (Фоидагиранда) манфиатҳои ӯро бо мақсадҳои ба танзим даровардани даъвоҳо ва ё талабҳое, ки ба ӯ дар алоқамандӣ бо ҳодисаи суғуртавӣ пешниҳод гардидаанд, намояндагӣ намояд;

д) маълумоти манзурнамудаи Суғурташавандаро, инчунин аз ҷониби Суғурташаванда риоя намудани талабҳо ва шартҳои Шартномаи суғуртаро тафтиш намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

е) дархостҳоро ба мақомоти мувофиқаткунандаи салоҳиятдор аз рӯи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ирсол намояд;

ж) тағйироти шартҳои Шартномаи суғурта ва пардохти мукофоти иловагии суғуртавиро талаб намояд, агар тағйирот ба дараҷаи таваккали суғуртавӣ баъди бастани Шартномаи суғурта ба миён омада бошад;

з) аз Суғурташаванда ба Суғуртакунанда интиқол додани тамоми ҳуқуқҳо талаби ҷуброн аз гунаҳкорон дар расонидани зарари ашхосе, ки тарафҳои Шартномаи Суғурта нестанд, дар ҳаҷми маблағҳое, ки аз ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ зиёд нестанд, талаб намояд;

и) агар Суғурташаванда кадоме аз уҳдадориҳои худро, ки дар банди 11.6. – и Қоидаҳо оварда шудаанд, вайрон кунад, Суғуртакунанда аз масъулияти пардохт намудани ҷуброни суғуртавӣ бо ҳамон ҳадде, ки он ба рух додан ва ё баланд шудани маблағҳои зарар оварда расонидааст, озод карда мешавад;

к) баргардонидани маблағҳои пардохтгардидаи ҷуброни суғуртавиро талаб намояд, агар исбот гардад, ки Суғурташаванда барқасдона Суғуртакунандаро ҳангоми муайян кардани сабабҳо ва дигар ҳолатҳои расонидани зарар ва (ё) ҳаҷми зарари расонидашуда гумроҳ карда бошад, ки дар натиҷаи он ҷуброни суғуртавӣ беасос пардохт гардидааст ва ё дар ҳаҷми калон назар ба зарари расидаи ҳақиқӣ муайян гардида пардохт шудааст, ва ё ба шахсоне амалӣ гардидааст, ки набояд ба манфиати онҳо Шартномаи суғурта амалӣ мегардид, инчунин дигар ҳолатҳои муқарраргардидаи Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

л) агар Суғурташаванда розигӣ надиҳад ва ё ба таври дигар ба Суғуртакунанда дар амалӣ кардани амалҳои дар Қоида овардашуда мамониат кунад, он гоҳ талаби аз ҷониби Суғурташаванда арзшуда ва расонидани зарар, ҳодисаи суғуртавӣ ҳисобида намешаванд. Суғуртакунанда аз масъулияти пардохти ҷуброни суғуртавӣ то ҳадде, ки дар он чунин амалҳои Суғурташаванда ба зиёдшавии зарар оварда расонидааст аз он ҷумла хароҷоти дар Қоида овардашуда, озод карда мешавад;

м) аз дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бархӯрдор аст.

11.4. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:

а) аз нав дида баромадани шартҳои Шартномаи суғуртаро ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оиди паст кардани эҳтимолияти пайдоиши ҳодисаи суғуртавӣ ва ё ҳаҷми зарари эҳтимолӣ ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ талаб намояд;

б) дар ҳолати гузаронидани чорбиниҳо оиди паст кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ва (ё) оқибатҳои рух додани он аз нав ба имзо расонидани Шартномаи суғуртаро бо шартҳои нав талаб намояд.

11.5. Пас аз он, ки ба Суғурташаванда оиди рух додани ҳолати, ҳодисаи суғуртавӣ маълум шудан ӯ уҳдадор аст:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.5.1. Фавран дар давоми се рӯз (72 соат) дар бораи ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ бо қайди тамоми ҳолатҳои сар задани ҳодисаи суғуртавӣ бо ҳама гуна воситаи дастрас ба Суғуртакунанда хабар расонад. Тамоми хабарҳо дар бораи ҳодисаҳое, ки аломати ҳодисаи суғуртавӣ доранд дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ бо имзои Суғурташаванда ё намояндаи ваколатдори ӯ, ки муфассал дар бораи тамоми ҳолатҳои сар задани чунин ҳодиса огоҳӣ дорад. Муқаррароти банди мазкур боиси аз ҷониби суғуртакунанда рад намудани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ шуда наметавонад.

11.5.2. Чораҳои оқилона ва дастрасро дар вазъияти ба вуқӯъомада оиди пешгирӣ ва паст кардани зарари ба шахси севвум расидаро андешад. Бо андешидани чунин чораҳо, Суғурташаванда бояд, ки дастурҳои Суғуртакунандаро риоя намояд, агар онҳо ба Суғурташаванда дода шуда бошанд.

11.5.3. Ба Суғуртакунанда аризаи хаттиро (электронӣ) аз рӯи шакли муқаррарнамудаи Суғуртакунанда оиди пардохти ҷуброни суғуртавӣ бо замимаи маводҳои мавҷуда пешниҳод намояд.

11.5.4. Суғуртакунандаро хабардор намояд:

– оиди дар алоқамандӣ бо расонидани зарар шурӯъ гардидани парвандаи судӣ, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор гузаронидани тафтишот, гузоштани ҳабс ба молу мулк, гузаронидани амалҳои дигари мурофиавӣ;

– оиди тамоми талабҳои молумулкӣ, дар ҳолатҳои пешбининамудаи Шартномаи суғурта ва хусусияти ғайримолумулкӣ дошта, ки ба Суғурташаванда пешниҳод гардидаанд. Ҳангоми гирифтани чунин талабҳо аз шахси ҷабрдида Суғурташаванда уҳдадор аст ба ин шахс, ҳолатҳое, ки таваккал аз рӯи онҳо суғурта гардидааст, инчунин зарурати ба дархостҳои Суғуртакунанда оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани тафтишоти суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда, инчунин зарурати иштироки Суғуртакунанда дар баҳогузории зарар расонидашударо фаҳмонад;

– оиди аз ҷониби шахси сеюм ба суд пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ. Дар ин ҳолат Суғурташаванда бо хоҳиши Суғуртакунанда уҳдадор аст ба шахси ба Суғуртакунанда мувофақашуда барои ҳуқуқи намояндагӣ намудани Суғурташавандаро дар ҷараёни судӣ бо тамоми салоҳиятҳои заруран мурофиавӣ ваколатнома пешниҳод намояд.

11.5.5. Талабро қисман ва ё пурра эътироф нанамояд, ки ба вай аз ҷониби шахси сеюм дар алоқамандӣ бо ҳолати суғуртавӣ пешниҳод гардидааст, инчунин ба худ ягон масъулияти бевосита ва бавоситаро оиди ба танзим даровардани чунин талабҳо бе розигии Суғуртакунанда бар дӯш нагирад.

11.5.6. Ба Суғуртакунанда тамоми маълумоти мавҷуда ва ҳуҷҷатҳое, ки оиди таърих, сабабҳо, хусусият ва ҳаҷми талаб ва зарари расонидашуда, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳои аз мақомоти босалоҳияти давлатӣ гирифташударо пешниҳод намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОЧИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.5.7. Ба Суғуртакунанда тамоми ҳуҷҷатҳоро интиқол диҳад ва тамоми чораҳорои заруриро барои аз ҷониби Суғуртакунанда амалӣ намудани ҳуқуқҳои Суғурташаванда барои ҷуброни зарар (суброгатсия) нисбати ашхосе, ки барои расонидани зарар уҳдадор мебошанд, мусоидат намояд.

11.6. Ҳамаи уҳдадориҳое, ки дар ин Қоида пешбинӣ шудаанд, нисбати шахсе татбиқ мегарданд, ки ба манфиати ӯ Шартномаи суғурта баста шудааст ва ӯ ният дорад аз ҳуқуқи дарёфти ҷуброни суғуртавӣ истифода намояд.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи нишонаи ҳодисаи суғуртавӣ дошта Суғурташаванда (Фоидагиранда) уҳдадор аст:

12.1.1. Фавран оиди ҳодисаи рухдода Суғуртакунандаро хабардор намояд ва дастурҳои ӯро иҷро намояд;

12.1.2. Тамоми чораҳои зарурира бо мақсади пешгирии зарар ва ё ба ҳадди ақал расонидани он, илова бар он бо риоя намудани дастурҳои Суғуртакунанда андешад;

12.1.3. Фавран баъди ошкор намудани зарари ба бори суғурташуда расонидашуда бояд:

– аризаи хаттӣ ё электронӣ оиди ҳодисаи рухдода (бо гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели бақайдгирии аризаи мазкур) ба мақомоти мувофиқаткунандаи босалоҳият (милитсия, хадамоти зидди сӯхтор, мақомоти дигари босалоҳият дар асоси хусусияти ҳодисаи рухдода ва ҳудуде, ки дар он рух додааст) пешниҳод намояд;

– ба ҷои ҳодиса намояндагони мақомоти босалоҳиятро барои бақайдгирӣ ва тафтиши ҳодисаи рухдода даъват намояд. Далел ва ҳолати ҳодисаи рухдода ва зарари бо он алоқаманд бояд, ки бо ҳуҷҷатҳои расмии шакли муқарраргардида, ки аз ҷониби мақомоти босалоҳияти давлатӣ дода мешаванд, аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории маҳаллӣ қайд карда шаванд.

12.1.4. Фавран барои азназаргузаронӣ нисбати муқаррар намудани ҳолатҳо ва маблағи зарар сюрвейери мустақил, ки дар Шартномаи суғурта оварда шудааст, ҷалб намояд ва ё, агар сюрвейери мустақил дар Шартномаи суғурта оварда нашуда бошад, Суғуртакунанда барои дастурҳо оиди ташкили азназаргузаронии мустақил муроҷиат намояд;

12.1.5. Фавран боркашон ва ё шахси дигаре, ки барои беосеб мондани бор мутобиқи борхат, коносамент ва ё Шартномаи нигоҳдорӣ ҷавобгар аст оиди ҳодисаи рухдода ва ё ҳолати номуносиб қарор доштани бор хабардор кунад, ҳангоми зарурат қайдҳо оиди он дар ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ гузаронад; тартиб ва мӯҳлатҳои огоҳонӣ вобаста аз намуди ҳамлу нақл, бо созишномаи байналхалқӣ дар соҳаи нақлиёт, аз ҷониби қонун ва Шартномаи ҳамлу нақл муайян карда мешаванд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.1.6. Дар ҳолати амалҳои аз нигоҳи ҷиноӣ ҷазо додашаванда, сӯхтор ва ё ҳодисаҳои роҳу нақлиёт оиди рух додани ҳодиса ба мақомоти мувофиқаткунандаи корҳои дохилӣ арз намояд;

12.1.7. То ҳадди имкон ягон тағйиротро дар ҷое, ки ҳодисаи суғуртавӣ рух додааст, то лаҳзае, ки Суғуртакунанда барои он розигии худро надиҳад, роҳ надиҳад;

12.2. Ҳангоми талаби ҷуброни суғуртавӣ Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда уҳдадоранд, ки полиси суғуртавие, ки аз ҷониби Суғуртакунанда дода шудааст, ариза барои пардохти ҷуброни суғуртавиро пешниҳод намоянд ва манфиати худро дар молумулкии суғурташуда, далели ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳаҷми зарарро ҳуҷҷатан асоснок намоянд, инчунин ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳоеро, ки ба охирон имкони муроҷиат ба шахси гунаҳкор бо даъворо дар тартиби суброгатсия медиҳад, таъмин намоянд.

12.3. Барои ин ҳуҷҷатҳои асосӣ чунинанд:

12.3.1. Барои исботи манфиат ба молумулки суғурташуда:

– коносаментҳои аслӣ, борхатҳои роҳи оҳан ва ҳуҷҷатҳои дигари ҳамлу нақлӣ, фактураҳо ва ҳисобҳо, эъломияҳои содиротӣ, ҳисобвараҳаҳо, агар мутобиқи ин ҳуҷҷатҳо Суғурташаванда идораи борҳоро дошта бошад, ҳангоми суғуртакунӣ фрахта – чартер-партияҳо ва коносаментҳо.

12.3.2. Барои асоснок кардани далели ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи суғуртакунӣ борҳо:

– аз рӯи ҳамлу нақли баҳрӣ: санади генералӣ ва санад-огоҳинома; санади тафтишотӣ; санади садамавӣ; эътирози баҳрӣ; ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи баҳргардии киштӣ; иқтибос аз журнали киштӣ; санади диспетчер оиди «садамаи умумӣ», ведомост оиди борфарории киштӣ; манифести киштӣ, ҳисоботи сюрвейерӣ, Шартномаи ҳамлу нақл, чартер ва ғ.;

– аз рӯи ҳамлу нақли роҳи оҳан: эътироз ба сардори истгоҳи таъинот; расиди бор оиди қабули бор бо қайди истгоҳи роҳи оҳан оиди нарасидани бор; маълумотномаи боркашон оиди ирсолкунии бор; ҳуҷҷати тасдиқкунандаи далели расонидани зарар ва шаҳодатдиҳандаи шумора ва арзиши ҳақиқии бори ирсолшуда; борхати нақлиётии роҳи оҳан; санади тиҷоратие, ки аз ҷониби боркашон дода шудааст; санади шакли умумӣ; борхати нақлиётии роҳи оҳан; ҳуҷҷатҳо оиди шикоят кардан нисбати дасткашии боркашон дар тартиб додани санади тиҷоратӣ; ҳуҷҷати тасдиқкунанаи далели расонидани зарар ва шаҳодатдиҳандаи шумора ва арзиши ҳақиқии бори камомадаи нуқсондор (харобшуда) ва ғ.;

– аз рӯи ҳамлу нақли автомобилӣ: Шартнома барои хизматрасонии нақлиётӣ – экспедитсионӣ / Шартномаи ҳамлу нақл; ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти босалоҳияти давлатӣ, ки далели сӯхтор, далели ҳодисаҳои роҳу нақлиётро тасдиқ мекунанд; нусхаи қарори мақомоти корҳои дохилӣ (прокуратура) аз рӯи далели гумкунӣ, нуқсондоршавии бор; санадҳои

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

азназаргузаронии бор аз ҷониби намояндаи Суғуртакунанда ва ё аз ҷониби шахси ваколатдори ӯ; борхати нақлиётӣ бо қайд оиди ҳодиса; эзоҳномаи ронанда ва ё нусхаи эзоҳнома, протоколи пурсиши ронанда ва ғайра;

– аз рӯи ҳамлу накли авиатсионӣ: санади тиҷоратии ширкати авиатсионӣ; борхати авиатсионӣ бо қайд оиди ҳодиса ва ғайра;

– дар ҳолати бе ному нишон гум шудани киштӣ ва ё воситаи интиқолдиҳандаи дигар: гувоҳиҳои ҳақиқӣ оиди вақт ва аз макони ирсол баромадани он, инчунин оиди дар муҳлати ишорашуда нарасидани он ба нуқтаи таъинот, ки барои бе ному нишон гумшуда эътироф гардидани киштӣ ва ё воситаи интиқолдиҳанда.

12.3.3. барои далели ҳаҷми эътироз аз рӯи зарар:

– борхатҳои молӣ, ҳисобҳо, ҳисоб-фактураҳо, инвойсҳо;

– борхатҳои нақлиётӣ, коносаментҳо, борхатҳо барои ҷойивазкунии дохилӣ;

– варақаҳои борпечкунӣ;

– Шартномаҳо/аҳдномаҳои таҳвил/хариду фурӯш, бо таснифоти мувофиқаткунандае, ки хусусияти бор ва арзишро тасдиқ мекунанд;

– эъломияҳои гумрукии бор;

– ҳуҷҷатҳои мувофиқаткунандаи мақомоти босалоҳият, аз он ҷумла қарор оиди шурӯъ кардани парвандаи ҷиноӣ, санад оиди сӯхтор;

– санадҳои тиҷоратӣ, санадҳои генералӣ ва санадҳо-огоҳиномаҳо;

– санадҳои азназаргузаронӣ ва қабули бор;

– санадҳои экспертизаи мустақил ва ё баҳогузорӣ;

– ҳисоботҳои сюрвейерҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

– ҳуҷҷатҳо ва ҳисобҳои тасдиққунандаи хароҷотҳои кардашуда;

– ҳисоби таҳвилгар барои ивази қисмҳои корношоям/нуқсондоршуда ва ё смета/ҳисоб барои таъмири барқароркунӣ (дар ҳолати нуқсондоршавии бор);

– дар ҳолати талаби ҷуброни зарарҳо, хароҷотҳо ва хаққӣ аз рӯи «садамаи умумӣ» – бо ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ ва диспаша асоснокшуда.

12.3.4. Барои асоснок кардани далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи суғуртаи таваккали то ба охир нагирифтани даромадҳои эҳтимолӣ:

– дар якҷоягӣ бо ҳуҷҷатҳое, ки дар Қоида ишора шудаанд: ҳуҷҷатҳо ва ҳисобҳое, ки ҳаҷми зарарҳое, ки дар натиҷаи ба миён омадани танаффус дар истеҳсолотро тавсиф менамоянд ва маълумот оиди давомнокии давраи банақшагирифтаи барқароркунии истеҳсолот, бо ҳаҷми эҳтимолии зарар, тамоми ҳуҷҷатҳои муҳосиботии барои муайян кардани ҳаҷми ҷуброни суғуртавӣ зарур, инчунин тамоми ҳуҷҷатҳои дигари молиявӣ, супоришҳои молиявӣ, ҳисобҳо ва ғ., ки оиди хароҷотҳои аз ҷониби Суғурташаванда амалишуда шаҳодат медиҳанд.

12.3.5. Дар ҳолатҳои ҷудогона Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигари дар Қоида ишоранашударо талаб намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.3.6. Номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷатҳои ба Суғуртакунанда аз рӯи ҳодисаҳои муайяни суғуртавӣ пешниҳодшаванда, ки ҳамчун дар дохил ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд, бо созишномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартҳои Шартномаи бо интиқолдиҳандагон басташуда, Қоидаҳои ҳамлу нақл дар намуди мазкури нақлиёт, Қоидаҳо кори бандарҳо, анборҳо, одатҳои маконе, ки дар он зарар ба вукӯъ омадааст.

12.3.7. Ариза ва ҳуҷҷатҳое, ки Суғурташаванда (Фоидагиранда) ба Суғуртакунанда пешниҳод менамояд, бояд ки ба забони тоҷикӣ тартиб дода шуда ба таври муносиб тасдиқ карда шаванд (агар ин дар асоси хусусият, намуди ҳуҷҷат зарурат дошта бошад). Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Суғурташаванда ба Суғуртакунанда пешниҳодшаванда (ва ё нусхаҳои онҳо), ки аз давлатҳои хориҷӣ бармеоянд ва ё ташкилотҳои дигаре, ки вазифаҳои умумиро амалӣ мегардонанд, бояд, ки ба забони тоҷикӣ бо тасдиқи нотариалӣ ва легаликунонӣ тарҷума карда шаванд (гузоштани апостил ва ё легаликунонии консулӣ, вобаста аз кишваре, ки ҳуҷҷатҳо дода шудаанд).

12.4. Суғуртакунанда оиди эътироф кардан ва ё эътироф накардани ҳодисаи руходода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва амалӣ намудани пардохти ҷуброни суғуртавӣ ва ё оиди даст кашидан аз пардохти суғуртавӣ дар муддати 30 рӯзи корӣ қарор қабул менамояд, агар дар Шартномаи суғурта (полиси суғуртавӣ) дигар мухлат ишора нашуда бошад ва он аз санаи аз ҷониби Суғуртакунанда гирифтани охирон аз ҳуҷҷатҳои пурсидашуда дар алоқа бо аризаи Суғурташаванда оиди ҷуброн.

Қарор оиди эътироф намудани ҳодиса ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ бо тартиб додани санади суғуртавӣ дар муҳлати дар болоифодашуда ба танзим дароварда мешавад.

Суғуртакунанда ухдадор аст пардохти ҷуброни суғуртавиро аз рӯи ҳолати ҳамчун суғуртавӣ эътирофшуда, дар муддати 5 рӯзи корӣ аз санаи аз ҷониби Суғуртакунанда ба имзо расидани санади суғуртавӣ, агар Шартномаи суғурта дигар муҳлати пардохтро пешбинӣ накарда бошад, ба таври ғайринақдӣ амалӣ намояд.

Дар ҳолати эътироф нагардидани ҳодисаи руходода ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ ва ё дар ҳолати қабули қарор оиди даст кашидан аз пардохти ҷуброни суғуртавӣ, санади суғуртавӣ тартиб дода намешавад, аммо Суғуртакунанда дар давоми 30 рӯзи кории минбаъда (агар Шартномаи суғурта дигар муҳлатро пешбинӣ накарда бошад) ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) огоҳиномаи хаттӣ бо асосноккунии қарори қабулшуда ирсол менамояд.

12.5. Суғуртакунанда бо мақсади содда гардонидани раванди ҷубронҳои суғуртавӣ дар ҳолати зарурӣ метавонад, ҷубронҳои суғуртавиро то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар асоси санадҳои суғуртавии дохилӣ (бидуни ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мақомоти дахлдор) амалӣ намояд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

13.1. Тартиби ҷуброни зарар бо мазмуни банди мазкур муқаррар карда мешавад. Ҷуброни суғуртавӣ пас аз он, ки ҷуброни суғуртавӣ ба Суғурташаванда (Фоидагиранда) мутобиқи шартҳои Шартномаи суғурта дар асоси аризаи хаттии Суғурташаванда (Фоидагиранда) оиди ҷуброни зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, хусусият ва ҳаҷми зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳаҷми зарар, санади суғуртавӣ ва ҳисобу китоби зарарҳо, пардохт мегардад.

13.2. Ҳангоми мавҷудияти суғуртаи дукарата, ҷуброн аз ҷониби Суғуртакунанда танҳо ба он қисмати зарар, ки бо Шартномаҳои дигари суғуртавӣ дар бар гирифта намешавад, пардохт карда мешавад.

13.3. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба Суғурташаванда дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ баъд аз дастрас шудани тамоми ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳодисаи суғуртавӣ, баъди аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидани Санад оиди ҳолати суғуртавӣ, тариқи ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

14.1. Зарарҳое, ки дар натиҷаи чунин ҳолатҳо ба миён омадаанд, ҳодисаи суғуртавӣ эътироф нагардида, ҷуброн карда намешаванд:

– борпечи нокифоя ва ё корношоям ва ё омодакунии ғайри стандартӣ бори суғурташуда (зери мафҳуми «борпеч» бояд, ки инчунин ҷо ба ҷо гузорӣ дар контейнер ва ё воситаи интиқолдиҳӣ фаҳмида шуда, аммо танҳо ҳамон вақт чунин гузориш то қувваи қонунӣ гирифтани суғуртаи мазкур ва ё аз ҷониби худи Суғурташаванда ва ё намояндаи ӯ амалӣ гардад) ва ё ирсол намудани он бо борпечи нуқсондор;

– вайрон кардани Қоидаҳои ҳамлу нақл, муросилот, боркунӣ, борпечкунӣ ва нигоҳдошти бори муқаррарнамудаи Суғурташаванда (Фоидагиранда) агар чунин вайронкунӣ боиси расонидани зарар ба бори суғурташуда гардида бошад;

– боркунӣ ва ҳамлу нақли бор дар ҳолати нуқсондор;

– расидани зарар берун аз ҳудуди амали суғурта ва/ё мухлати амали суғурта;

– нуқсондоршавии бор аз ҷониби кирмҳо, хояндаҳо, ҳашаротҳо ва ё бактерияҳо;

– иллатҳои истеҳсолии бор;

– омехтанамоии бор бо предметҳои дигар ва ё моддаҳо, ки омода намудани чунин предметҳо манъ аст;

– хусусиятҳои махсус ва сифатҳои табиии бор;

– зангзанӣ, оксидшавӣ, тағйири ранг кардан, порашавӣ, харошаҳо, пахшшудаҳо – барои борҳое, ки дар намуди беборпеч интиқол дода мешаванд,

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

инчунин дар ҳолатҳое, ки борпеч ба таъсирҳои манфии муҳити иҳотакарда нисбати бор, монеае эҷод намекунад;

– зарарҳои дар натиҷаи амалҳои қасдонаи Суғурташаванд (намояндаи ӯ) ва/ё Фоидагиранда ба вуҷуд омадаанд;

– зангзанӣ, оксидшавӣ, тағйири ранг кардан, порашавӣ, харошаҳо, пахшшудаҳо, хамиҳо, тобхӯрдагиҳо, шаклдигаркунӣ, нуқсондоршавии канораҳо, интиҳои қубурҳо – барои қубурҳои таъиноти гуногундошта;

– вайроншавӣ дар кори нақшаҳои электронӣ/электрикӣ, носозии механикӣ, агар онҳо натиҷаи нуқсондоршавии ба бор ва/ё борпеч дар вақти ҳамлу нақл расонидашуда набошанд – барои техникаи электронӣ ва ё таҷҳизоти таътиноти гуногундошта;

– несту нобуд кардани ҳайвонот бо супориши хадамоти бойторӣ дар доираи чораҳои зидди эпизоотия, ба ҳолатҳои радкунандаи пардохти ҷуброни суғуртавӣ барои ҳайвонот ва паррандаҳо мансуб мегарданд;

– осебёбӣ ва/ё нобудшавии тамоми бор ё қисми он, ки аз таъсири ҳар гуна силоҳи кимиёвӣ, биологӣ, биохимиявӣ ва электромагнитӣ ба вуҷуд меояд;

– ҳама гуна зарарҳои бевосита ё бавосита зери таъсири норасоӣ дар низоми компютерӣ ё барномаи таъминотии компютерӣ, ворид шудани вируси компютерӣ ё коди зараррасон ва/ё дигар ҳолатҳои ба ин монанд ба вуҷуд омаданд;

– воридшавии об /сӯзишворӣ/равған ба воситаи маҳкамкунакҳои палкона ва дигар сохторҳои киштӣ, агар то ибтидои сафар маҳкамкунакҳои палкона аз ҷониби сюрвейери мустақил (дохилӣ ва/ё хориҷӣ) тафтиш нагардида бошанд, ки он аз ҷониби Суғуртакунанда мувофиқа шуда, иҷозатномаи мутобиқаткунанда дода мешавад, ки он обногузари маҳкамкунакҳои палкона тасдиқи сюрвейерро (дохилӣ ва/ё хориҷӣ) нагирифтаанд – барои ҳамлу нақли борҳо бо нақлиёти обӣ;

– барои бори суғурташуда табиӣ ва усули интиқоли он дар гум кардан дар вазн ва ҳаҷми он;

– ҳамлу нақли бори кочоқ;

– беарзиш шудани бор дар натиҷаи ифлосшавӣ, вайрон шудани зарф ва ё борпеч ҳангоми комилияти борпечи беруна;

– сустшавӣ (таъхир) дар дастраскунии бор, ҳатто агар таъхир дар натиҷаи таваккале, ки аз ҷониби суғуртаи мазкур дар бар гирифта шуда бошад;

– кам будани бор ҳангоми беосеб будани тент, кузови автомобил, контейнер, вагон ва бастабандии беруна, дар ҳузури пломбаҳои солим ва набудани аломатҳои дастрасӣ ба бор;

– иқтидори гузариш надоштани киштӣ, лихтер ва ё баржа, корношоям будани киштӣ, лихтер ва ё баржа, воситаи интиқолдиҳандаи дигар ва ё контейнер барои ҳамлу нақли бехатари бори суғурташуда, дар он ҳолате, ки (ба Фоидагиранда ва ё намояндагони ӯ оиди чунин иқтидори гузариш надоштан

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

ва ё корношоям будан дар лаҳзаи ба онҳо бор кардани бори суғурташуда маълум буд ва ё бояд маълум мебуд);

– иқтидори пардохт надоштан ва ё иҷро накардани уҳдадории молиявӣ аз ҷониби интиқолдиҳандагон ва кирокунандагон;

– оташ ва ё таркиш, аз сабаби боркунӣ бо хабардор кардани Суғурташаванда ва ё Фоидагиранда, аммо бидуни хабардоркунии Суғуртакунанда, оиди маводҳо ва предметҳои оташангез ва худдаргир;

– ихтилоф дар вазн ва ё шумораи бор ҳангоми пуррагии борпечи беруна ва ё номумкин будани асоси далели вайрон кардани комилияти бинои бор ва ё далели беваколат ба бинои бордошта ворид гардидан;

– таъсири тағйири ҳарорат, ки бо тағийри реҷаи ҳароратӣ дар натиҷаи вайрон шудани сохтори яхдонӣ ба миён омадааст (минбаъд «таваккали яхдонӣ» номида мешавад);

– зарар дидани бор аз ҷониби кирм, хояндаҳо ва ҳашаротҳо;

– ҳодисаҳое, ки бо сабабаи таваккали ҳарбӣ ба миён омадаанд: таркиш минаҳои парешон, торпеда, бомбаҳо ва ё аслиҳаи дигари ҷанг;

– амалҳои роҳзанӣ; амалҳои террористӣ ва оқибатҳои он, инчунин чорабиниҳои зиддитеррористӣ ва оқибатҳои он аз ҷониби ҳар кадом ашхосе, ки бо супориш ва ё дар алоқамандӣ бо ташкилотҳои амаликунандаи фаъолияти сарнагун кардан ва ё ба таъсири бо қувва ё зӯроварӣ нисбати ҳукумат равона карда шудааст, новобаста аз он ки бо кадом роҳ он созмон дода шудааст.

– нобудкунии барқасдона ва ё нуқсондоркунии бор аз ҷониби шахсони сеюм;

– бе ному нишон гум шудани воситаҳои нақлиёти ҳамлу нақл бо бор;

– дар ҳолате, ки агар Суғурташаванда аз рӯи тартиб ва мухлатҳои барои Шартномаи суғурта ҳамлу нақли аз ҷониби қонун, созишномаи байналхалқӣ ва ё Шартнома муайянгардида ба интиқолдиҳанда аризаи хаттӣ оиди норасогӣ ва ё нуқсондоршавии бор накарда бошад ва ба Суғуртакунанда ҳуҷҷатҳои дигари заруриро барои аз ҷониби Суғуртакунанда амалӣ намудани ҳуқуқи талабот нисбати ашхос пешниҳод накарда бошад;

– дар ҳолати амалҳои ҷиноӣ ҷазододашаванда, сӯхтор ва ё ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, оиди рух додани ҳодиса ба мақомоти мутобиқаткунандаи дохила хабар надодааст ва ё агар ин далелҳо аз ҷониби мақомоти босалоҳият тасдиқ нагардида бошанд;

– ба сюрвеер ва ё намояндаи Суғуртакунанда барои азназаргузаронии молумулки нуқсондоршуда ва ё боқимондаҳои онро пешниҳод накард, агарки онҳо бояд меистоданд;

– ҳуҷҷатҳоро оиди ҳолатҳое, ки барои муқаррар намудани сабабҳо ва ё ҳаҷми зарар арзишнок буданд, сохтакорӣ намудааст (барқасдона Суғуртакунандаро ба иштибоҳ бурдааст);

– таъсири таркиши ядроӣ, радиатсия ва ё сирояти радиоактивӣ;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– амалҳои ҳарбӣ, инчунин маневрҳо ва ё чорабиниҳои ҳарбии дигар;

– ҷанги шаҳрвандӣ, ҳар кадом намудҳои шӯришҳои халқӣ корпартоиҳо;

– хориҷ кардан, мусодира намудан, реквизитсия, баҳабсгирӣ ва ё нобуд кардани молумулки суғурташуда молумулк бо супориши мақомоти давлатӣ.

14.2. Тибқи муқаррароти қисми 3, моддаи 1075 – и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суғуртакунанда аз ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи аз ҷониби Суғурташаванда дидаю дониста ҷиҳати кам кардани зиёни имконпазир наандешидани тадбирҳо расонда шудааст, озод карда мешавад.

14.3. Суғуртакунанда аз пардохти ҷуброни зарар ба пуррагӣ ва ё дар қисми мутобиқаткунанда озод карда мешавад ва ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи барзиёд пардохтшудаи ҷубронро талаб намояд, агар Суғурташаванда (Фоидагиранда) аз ҳуқуқи худ оиди талаб нисбати шахсе ки барои зарарҳои аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброншаванда даст кашида бошад ва ё амалӣ шудани ин ҳуқуқ бо гуноҳи Суғурташаванда, Фоидагиранда ғайриимкон гашта бошад.

14.4. Мутобиқи қисми 11, моддаи 20 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» агар Суғурташаванда ё шахсе, ки ба манфиати ӯ пардохти ҷуброни суғуртавӣ анҷом дода мешавад, ҷуброни пурраи зиёнро (зарарро) аз шахси гунаҳкори зиёнрасонида (зараррасонида) гирифта бошад, дар ин сурат Суғуртакунанда аз додани ҷуброни суғуртавӣ озод мегардад. Ҳангоми аз тарафи шахси гунаҳкор қисман додани ҷуброни зиён (зарар), Суғуртакунанда пардохти ҷуброни суғуртавиро бо дарназардошти маблағе, ки шахси мазкур аз шахси гунаҳкор гирифтаст, анҷом медиҳад.

14.5. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар Шартномаи суғурта ҳар кадом иловаҳои дигар, истисноҳо ва аниқнамоии муқаррароти Қоида, ки аз ҷониби қонунгузории амалкунанда манъ карда нашудаанд, бо мустаҳкам намудани он дар матни Шартномаи суғурта, мувофиқа намоянд.

14.6. Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар асосҳои рад намудан аз ҷуброни суғуртавӣ пешбинӣ гардад.

## 15. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

15.1. Суғурташаванда ва Суғуртакунанда ҳуқуқ доранд, дар ҳолати ихтилофоти байни онҳо нисбати сабабҳои ба миён омадани зарар ва нисбати ҳаҷми он, ҷалб намудани экспертизаи мустақилро талаб намоянд.

15.2. Дар ҳолати ихтилофот ҳангоми тафсири шартҳои Шартномаи суғурта, агар он бо якчанд забонҳо тартиб дода шуда бошад, бояд матни ба забони тоҷикӣ тартибдодаи онро риоя карда шавад.

15.3. Баҳсҳое, ки ҳангоми иҷроиши шартҳои Шартномаи суғурта ба миён меоянд, дар раванди гуфтушунидҳо баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми ба даст наомадани созиш баҳс барои баррасии суд мутобиқи салоҳияти он интиқол дода мешавад, агар Шартномаи суғурта дигар ҳолатро пешбинӣ накарда бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №1
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии борҳо

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори генералии
ЧДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
_______________Раҳмонов Б.Р.
аз «08» ноябри соли 2025, №164/25

# УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФҲОИ СУҒУРТАВӢ

ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии борҳо



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 1. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРӢ

Баҳисобгирӣ (асосноккунии иқтисодии) тарифҳои суғуртавӣ дар асоси муқаррароти Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (минбаъд – Талабот), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №74 аз «21» июни соли 2022 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Услуб барои ҳисоб кардани меъёрҳои тарифи суғуртавӣ барои намудҳои хавфноки суғурта мувофиқ буда, дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешавад:

Омор ё маълумоти дигар оид ба намуди суғурта мавҷуд аст, ки имконият медиҳад қиматҳои зеринро ҳисоб кунем:

- q – эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта;

$$q = \frac{M}{N} \qquad 1.1.1$$

- S – маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта.

$$S = \frac{\sum_{i=1}^{N} S_i}{N} \qquad 1.1.2$$

- Sb – пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯи як шартномаи суғурта ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ.

$$S_b = \frac{\sum_{k=1}^{M} S_{bk}}{M} \qquad 1.1.3$$

Дар ин ҷо: N – миқдори умумии шартномаҳои суғуртаи басшуда барои баъзе давраҳои гузашта;

M – миқдори ҳодисаҳои суғуртавӣ дар N шартномаҳо;

$S_i$ – маблағи суғуртавӣ дар вақти бастани i шартнома

i = 1, 2, ..., N.

$S_{bk}$ – пардохти суғуртавӣ дар k ҳодисаи суғуртавӣ;

k = 1, 2, ..., M.

тахмин карда мешавад, ки ягон ҳодиса харобиовар намешавад, агар як ҳодиса боиси якчанд ҳодисаҳои суғуртавӣ шавад.

Баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ дар асоси шумораи пешакӣ муайяншудаи шартномаҳо (n) ҳисоб карда мешаванд, ки бояд бо Суғурташавандагон баста шаванд.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи ҳаҷми тахминии амалиёти суғуртавӣ (маблағи миёнаи суғуртавӣ дар як шартнома, пардохти миёнаи суғуртавӣ, шумораи тахминии шартномаҳо ва эҳтимолияти рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ) ҳисоб карда шуданд.

**Меъёри холис $T_x$** аз ду қисм – қисми асосӣ Тх.ас. $T_a$ ва таваккалӣ сарборӣ Тх.тав. $T_c$.

$$T_x = T_a + T_c \qquad 1.1.4$$

- **Қисми асосӣ меъёри холис (Тх.ас.) $T_a$** – ба пардохтҳои миёнаи суғуртавии Суғуртакунанда, ки аз эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавии q, маблағи миёнаи суғуртавии S ва пардохти миёнаи суғуртавии Sv вобаста аст, мувофиқат мекунад. Қисми асосии меъёри холис аз маблағи суғуртавӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

$$T_a = 100 * \frac{S_b}{S} * q \qquad (1.1.5)$$

- **Сарбории эҳтимолӣ Тн.тав.** $\boldsymbol{T_c}$ – бо мақсади ба назар гирифтани зиёд будани эҳтимолии шумораи ҳодисаҳои суғуртавӣ нисбат ба арзиши миёнаи онҳо ҷорӣ карда мешавад. Ғайр аз q, S ва $S_b$, сарбории эҳтимолӣ инчунин аз параметрҳои зерин вобаста аст: n – шумораи шартномаҳои марбут ба давраи суғурта, ки барои онҳо суғурта анҷом дода мешавад, паҳншавии миёнаи пардохти суғуртавӣ $R_b$ ва кафолати γ – эҳтимолияти зарурӣ, ки мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кифоя бошанд.

  Агар ташкилоти суғуртавӣ маълумот дар бораи арзиши $R_b$ надошта бошад, метавонанд, ки сарбории эҳтимолиро бо формулаи зерин ҳисоб кунанд:

$$T_c = 1{,}2 * T_a * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{x * q}} \qquad (1.1.6)$$

Дар ин ҷо: q – эҳтимолияти ба амал омадани ҳодисаи суғуртавӣ;

n – шумораи пешбинишудаи шартномаҳои суғурта.

- **Меъёри умумӣ** $\boldsymbol{T_\Delta}$ – бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$T_\Delta = \frac{Tx * 100}{100 - f} \qquad (1.1.7)$$

Дар ин ҷо: $\boldsymbol{T_x}$ – меъёри холис;

f (%) – ҳиссаи сарборӣ аз меъёри умумии тарифи суғуртавӣ.

Меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ барои шартномаҳои суғурта ба муҳлати як сол ҳисоб карда мешаванд.

Сохтори меъёри тарифҳои суғуртавӣ:

- 25,7% – меъёри холис;
- 51,6% – хароҷотҳо барои пешбурди кор;
- 4,1% – андоз аз даромад;
- 18,6% – фоида.

Баҳисобгирии сарбории эҳтимолӣ. Ташкилоти суғуртавӣ, бо эҳтимолияти g = 0,95, интизор аст, ки пардохти суғуртавии имконпазир аз мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда зиёд набошад, пас аз Ҷадвали 1 a (g) = 1,645.

**Ҷадвали 1**

| g | 0,84 | 0,90 | 0,950 | 0,98 | 0,9986 |
|---|---|---|---|---|---|
| **a (g)** | 1,00 | 1,30 | 1,645 | 2,00 | 3,0000 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **g** – кафолати эҳтимолияти зарурӣ, ки бо он мукофотҳои суғуртавии ҷамъшуда бояд барои пардохти суғуртавии ҳодисаҳои суғуртавӣ кофӣ бошанд;
- **a (g)** – коэффисиенте, ки ба кафолати бехатарии гамма вобаста аст. Қимати онро аз Ҷадвал гирифтан мумкин аст.

## 2. ҲИСОБКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ТАРИФИИ ЗАМИНАВӢ

Ҳисоб кардани меъёрҳои тарифии заминавӣ дар асоси Қоидаи суғуртаи ихтиёрии борҳо, ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс» (минбаъд «Қоида ё Қоидаи суғурта») амалӣ карда шудааст.

**Интихоби замина ба натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷониба асос меёбад:**

- омори худӣ (ҳаҷми он нокифоя аст);
- омори бозор;
- баҳодиҳии коршиносии (экспертии) мутахассисони ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс».

Маълумоти ибтидоӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ ва барои муайян кардани эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ, пардохтҳои миёнаи суғуртавӣ ва маблағи миёнаи суғуртавӣ дар асоси маълумоте, ки дар давоми фаъолияти Суғуртакунанда ва дигар ташкилотҳои суғуртавӣ, аз ҷумла ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ фаъолият мекунанд, дар давоми панҷ соли охир ҷамъоварӣ шудаанд ва аз баҳодиҳии коршиносии Суғуртакунанда асос ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои ба нақша гирифташудаи шумораи шартномаҳо (n) дар асоси шумораи пешбинишудаи (ба нақша гирифташудаи) шартномаҳои суғурта барои соли оянда муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз натиҷаҳое, ки дар натиҷаи коркарди омор ба даст оварда шудаанд, инчунин пас аз баҳодиҳии мутавозуни ҳар як ҷузъи хавф дар хавфи умумии ҳодисаи суғуртавӣ нишондиҳандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ арзёбӣ карда шуданд.

Меъёрҳои тарифии заминавӣ бо тахминкунии тақсимоти якхелаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ва тақсимоти муқаррарии ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ҳисоб карда мешаванд.

Бо мақсади таъмини рақобатпазирии маҳсулоти суғуртавӣ ва мутобиқсозии он ба вазъи воқеии бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои тарифии ҳисобшуда тасҳеҳ карда шуданд. Дар оянда, бо ташаккули заминаи омории худии Суғуртакунанда ва зиёд шудани ҳаҷми портфели суғуртавӣ, тарифҳои мазкур мавриди бозбинӣ ва дақиқсозӣ қарор дода мешаванд.

Суғуртакунанда ҳангоми бастани шартномаи мушаххаси суғурта ҳуқуқ дорад ба меъёри ибтидоии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба омилҳои ба дараҷаи хавфи суғуртавӣ ва шартҳои суғурта таъсиркунанда коэффисиентҳои афзоянда ва камшавандаро татбиқ намояд:

| ОМИЛИ ХАВФ ВА ШАРТҲОИ СУҒУРТА | КОЭФФИСИЕНТҲОИ ТАСҲЕҲӢ | |
|---|---|---|
| | на кам | на зиёда |
| Меъёри тарифи суғуртавӣ барои шартномаи мушаххаси суғурта ҳамчун натиҷаи тарифи ибтидоии суғуртавӣ ва коэффисиентҳои тасҳеҳӣ ҳисоб карда мешавад. | 0,01 | 10 |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Баҳисобгирӣ ва асосноккунии иқтисодии тарифҳои суғуртавӣ барои суғуртаи ихтиёрии борҳо

| Нишондиҳанда | Аломат [формула] | Суғуртаи ихтиёрии борҳо |
|---|---|---|
| Баҳодиҳии эҳтимолияти рух додани ҳодисаи суғуртавӣ | q | 0,455 |
| Пардохти миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | $S_b$ | 10 000 |
| Маблағи миёнаи суғуртавӣ аз рӯйи як шартномаи суғурта | S | 4 600 481 |
| Шумораи ба нақша гирифташудаи объектҳои суғуртамешуда | n | 8 |
| Баҳодиҳии қисми асосии меъёри холис | $T_o = 100 * \frac{S_b}{S} * q$ | 0,099 |
| Дараҷаи бехатарӣ | y | 0,95 |
| Коэффисиенти бехатарӣ (миқдори яктарафаи тақсимоти муқаррарии стандартӣ аз сатҳи интихобшудаи бехатарӣ) | a(y) | 1,645 |
| Баҳодиҳии сарбории эҳтимолӣ | $T_p = 1{,}2 * T_o * \alpha(\gamma)\sqrt{\frac{1-q}{n*q}}$ | 0,076 |
| Баҳодидиҳии меъёри холис | $T_n = T_o + T_p$ | 0,174 |
| Сарборӣ | f | **74,3** |
| **Баҳодиҳии меъёри умумӣ** | $T_\Delta = \frac{T_n * 100}{100 - f}$ | **0,68** |

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №2
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии борҳо

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

SPITAMEN insurance

# ШАРТНОМАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ БОРҲО
№ __________

ш. Душанбе «_____» __________ соли 20___

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ ФС №__________ аз ______________ фаъолият мебарад, минбаъд «Суғуртакунанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ ______________________, ки дар асоси Оинннома амал мекунад, аз як Тараф ва аз тарафи дигар ________________________ минбаъд «Суғурташаванда» номида мешавад, дар шахсияти ___________________________, ки дар асоси Оинннома амал менамояд, дар якҷоягӣ минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд, Шартномаи суғуртаи ихтиёрии борҳои мазкурро (минбаъд – Шартномаи суғурта ё Шартнома), дар мазмуни зер бастанд:

## 1. ШАРҲИ МАФҲУМҲО

1.1. Дар Шартномаи мазкур чунин мафҳумҳо истифода бурда мешавад:

- **объекти суғурта** – манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд.
- **Суғурташаванда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ Шартномаи суғуртаро бастааст.
- **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунии «Спитамен Иншуренс», ки дар асоси Иҷозатномаи аз тарафи мақоми назорати суғуртавӣ дода шуда фаъолияти суғуртавиро ба амал мебарорад.
- **Фоидагиранда** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- **хавфи суғуртавӣ** – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.
- **тарифи суғуртавӣ** – арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ.
- **ҷуброни суғуртавӣ** – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи Шартномаи суғурта ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд.
- **мукофоти суғуртавӣ** – маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро Суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқаррааргардида пардохт намояд.
- **маблағи суғуртавӣ** – маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дарбар мегирад;
- **ҳодисаи суғуртавӣ** – воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.
- **шартномаи суғурта** – шартнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки тибқи он Суғурташаванда уҳдадор аст мукофоти суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба молу мулки суғурташуда зарари воқеӣ ё зарар нисбати дигар манфиатҳои молумулкии суғурташуда расонида шудааст, бо шартнома пешбинишуда ба Суғурташаванда ё шахси сеюм (Фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, ҷуброни суғуртавиро анҷом диҳад.
- **полиси суғуртавӣ** – ҳуҷҷат дар шакли коғазӣ ва электронӣ, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.
- **Боркашонӣ** – ҳамлу нақли борҳо бо воситаҳои гуногуни нақлиёт.
- **Бор** – объекти ҳамлу нақл (сӯзишворӣ, ашёи хом, ашё, маҳсулот ва ғайра), ки интиқолдиҳанда бо тартиби муқарраршуда қабул кардааст, барои саривақтӣ расонидан ва бехатарии он мутобиқи қонунгузории нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст.
- **Ҳудуди суғурта** – ҳудуде, ки амали ҳимояи суғуртавӣ ба он паҳн мегардад.
- **Нобудии пурра** – расонидани зарар ба борҳо, ки дар он имконияти барқарорсозии онҳо мавҷуд нест.
- **Зарар дидан** – расонидани зарар ба борҳо, ки дар он хароҷот барои барқарорсозии онҳо аз арзиши ҳақиқии онҳо дар санаи бастани шартномаи суғурта камтар аст.
- **Садама** – бархӯрди воситаҳои ҳамлу нақл байни ҳамдигар, бо объектҳои ҳаракаткунанда ё беҳаракат, ба мел нишастани киштӣ, сӯхтор ё таркиш дар воситаи ҳамлу нақл.

## 2. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғурта манфиатҳои молумулкии Суғурташаванда мебошанд, ки бо соҳибӣ, истифода ва/ё ихтиёрдории бор алоқаманданд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 3. ҲОДИСАИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Ҳодисаи суғуртавӣ ин гум кардан (талаф ёфтан) ва ё нуқсондоршавии бор, ки дорои нишонаҳои эҳтимолият ва тасодуфӣ мебошанд, бо ухдадорӣ барои тамоми таваккалҳо ба шумор меравaнд.

## 4. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Маблағи суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи мазкур ________________ (________________________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

4.2. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар доираи фондҳои суғуртавӣ ба андозаи талаботи асосноки Суғурташаванда, ки мутобиқи нарххҳои бозорӣ ё қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, анҷом дода мешавад. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба андозаи пурра ё қисман зарар амалӣ карда мешавад.

## 5. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ВА МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Тарифи суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи мазкур _____% аз маблағи суғуртавӣ муқаррар карда мешавад.

5.2. Мукофоти суғуртавӣ аз рӯи Шартномаи мазкур ________________ (________________________) сомонӣ _____ дирамро ташкил медиҳад.

5.3. Ухдадории Суғуртакунанда оид ба амалӣ намудани пардохти суғуртавӣ пас аз пардохти мукофоти суғуртавӣ пайдо мешавад.

## 6. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Ҳодиса ба сифати ҳодисаи суғуртавӣ эътироф карда намешавад, агар он зери таъсири боби 14 – и Қоидаи суғурта қарор гирифта бошад.

## 7. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

7.1. Шартномаи мазкур аз санаи ______________ соли 20_____ то санаи ________ соли ______ амал мекунад.

7.2. Баъди итмоми муҳлати амали Шартномаи мазкур, Шартнома барои соли навбатӣ бо пардохти мукофоти суғуртавӣ барои соли навбатӣ тамдид мегардад.

## 8. ҲУҚУҚ ВА УХДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

8.1. Ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳо дар боби 11 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

## 9. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Тибқи муқаррароти бобҳои 12-13 – и Қоидаи суғурта ба танзим даровaрда мешавад.

## 10. АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

10.1. Асосҳои қатъ гардидани Шартномаи суғурта дар боби 10 – и Қоидаи суғурта пешбинӣ шудаанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 11. МАХФИЯТ

11.1. Тамоми маълумотҳое, ки дар доираи Шартномаи мазкур вобастаанд, махфӣ шуморида шуда, дар муддати амали шартнома махфӣ нигоҳ дошта мешаванд.

11.2. Тарафҳо барои паҳн нагардидани маълумотҳо ва дастрас набудани онҳо, барои нафароне, ки ба ин шартнома муносибат надоранд, дар муддати амали шартнома тамоми чораҳои зарурӣ меандешанд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Баҳсҳое, ки аз Шартномаи мазкур бармеоянд, дар асоси гуфтушуниди тарафҳо ҳал мегарданд.

12.2. Ҳангоми бо роҳи гуфтушунид ҳал нагардидани баҳсҳо, тарафҳо метавонанд ба суд мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

## 13. ҚИСМИ ХОТИМАВӢ

13.1. Ҳамаи тағйироту иловаҳо ва рӯйхат, ки хаттӣ тартиб дода шудаанд қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур буда, иҷрои он барои тарафҳо ҳатмист.

13.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда, якнусхагӣ дар дасти Тарафҳо нигоҳ дошта мешаванд ва ҳар яки он қувваи якхелаи ҳуқуқӣ доранд.

## 14. СУРОҒАИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

### 14.1. СУҒУРТАКУНАНДА

ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»
**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2
**РМА:**020030537
**РМБ:** 350101808
**с/ҳ:** 20202972780800000009
**Номи бонк:** ҶСП «Спитамен Бонк»
**с/м:** 20402972418081
**Телефон:** (+992) 44 601 79 97
**Сомона:** www.spi.tj
**Email:** info@spitameninsurance.com

Директори генералӣ

_______________ /__________.____./
(имзо) (ному насаб)

### 14.2. СУҒУРТАШАВАНДА:

______________________________
**Суроға:** ______________________
**РМА:** ________________________
**РМБ:** ________________________
**с/ҳ:** _________________________
**Номи бонк:** ___________________
**с/м:** _________________________
**Телефон:** (+992)
**Сомона:** ______________________
**Email:** _______________________

_______________

_______________/____________________./
(имзо) (ному насаб)

### АЛОҚА БО МО:

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Замимаи №3
ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии борҳо

**НАМУНА**

*Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғурта ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.*

# ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ

## СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ БОРҲО

Силсила: ___________ Рақам: ___________

Суғуртакунанда: ҶДММ ТСА «Спитамен Иншуренс»

Иҷозатномаи ______________ аз ҷониби БМТ дода шудааст

Суғурташаванда: ____________________________________________________________

Суроға: ______________________________________________________________

Муҳлати амал: аз «_____» _______________ с.20 ______ то «_____» _____________ с.20_

Объекти суғурта: ____________________________________________________________

Маблағи суғуртавӣ: __________________________________________________________

Тарифи суғуртавӣ: ___________________________________________________________

Мукофоти суғуртавӣ: _________________________________________________________

Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: ______________________________________________

Санаи барасмиятдарории полиси суғуртавӣ: _____________________________________

**СУҒУРТАШАВАНДА:** **бо Қоидаи суғуртаи ихтиёрии борҳо шинос шудам ва розӣ мебошам.**

| ИМЗО | НОМИ ҲУҚУҚИИ (НОМУ НАСАБИ) СУҒУРТАШАВАНДА |
|---|---|

**СУҒУРТАКУНАНДА (НАМОЯНДАИ СУҒУРТАКУНАНДА)**

| ВАЗИФА | ИМЗО | НОМ ВА НАСАБ |
|---|---|---|

**АЛОҚА БО МО:**

+992 44 601 7997 / 7979 / +992 918 20 7997 **Телефони боварии БМТ:** (+992) 44 600 15 20

info@spitameninsurance.com www.spi.tj

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Истаравшан 18, ошёнаи 2

QR-кодро сканер намуда дар месенҷерҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ ба мо нависед.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

НАМУНА